«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
профессор ____________ Махмадёрзода У.М.
«10» ________________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Акпарзода Абдували дар мавзуи «Такмили истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**1. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Дар тамаддуни инсоният дар соҳаи кишоварзӣ замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот баромад менамояд, ки ҳаҷм, сифат ва натиҷаҳои ниҳоии молиявии истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзӣ аз истифодаи оқилонаи замин вобаста аст.

Тоҷикистон дорои захираҳои ками замин ва фонди замин мебошад, ки самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ аҳамияти стратегӣ дорад.

Вале дар минтақаҳо, иқтидори захираҳои заминҳои кишоварзӣ ҳанӯз аз нуқтаи назари самаранок идора намудан пурра таҳқиқ нагардидааст, алахусус аз сабаби ба назар нагирифтани хусусиятҳои минтақавии истифодаи замин. Тафовут байни имкониятҳои эҳтимолии равишҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва сатҳи мавҷудаи татбиқи амалии онҳо дар низоми идоракунӣ ва дастгирии қабули қарорҳоро дар самти истифодаи оқилонаи замин ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда намерасонанд, ки дар минтақаҳо ба муаммоҳо оварда мерасонанд. Дар робита ба ин, тадқиқоте, ки оид ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, аз ҷумла барои мақсадҳои банақшагирӣ ва пешгӯӣ бахшида шуда, ҳам барои назария ва ҳам барои амалияи иқтисодиёти минтақа муҳим мебошад.

Илова бар ин, ҳалли мушкилоти озуқаворӣ аз ваъзи истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ мустақиман вобаста буда, пайдо кардани роҳҳои оқилона истифодабарии заҳираҳои замин дар ин самт хело муҳим аст.

Ҳамин тавр, интихоби мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Акпарзода Абдувалиро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ: Банди 2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисоди, ҷанбаҳои назаривӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷоратии хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ; Банди 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; Банди 24. Рушди комплекси агросаноати дар минтақаҳо, вижагиҳои минтақавӣ ва ҳудудии рушди кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалӣ оид ба идоракунии босамари захираҳои замини кишоварзии минтақа баҳри таъмин намудани самаранокии он ва баланд бардоштани натиҷабахшии соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ гардида, тавсияҳои илман исботшуда ҷиҳати такмили ин раванд асоснок шудаанд.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини ҷанбаҳои илмию назариявӣ ва методологӣ оид ба механизм самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар минтақаи вилояти Суғд, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили он дар шароити муосир зоҳир мегардад, ки, воқеан, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, пешниҳод гардидааст.

Дар асоси таҳқиқот, муаллиф нақш ва аҳамияти самаранок идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзиро дар иқтисодиёти минтақа низомбандӣ карда аст, ки дар асоси он муаммоҳои дар ин самт мавҷуд буда асоснок карда шуданд;

Равияҳои гуногун оид ба арзёбии сатҳи истифодаи замин мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар онҳо гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо гузаронида шудааст. Алалхусус нишондиҳандаҳои натуралӣ; арзишӣ; нисбӣ; интегралӣ;

Таҷрибаи хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар асоси он ошкор гардидааст, ки дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ масъалаҳои ҳаммонанд мавҷуданд, ба монанди харобшавии (деградатсияи) заминҳои киштбоб, ихтисори заминҳои кишоварзӣ, нарасидани мутахассисон, дониши пасти фермерҳо. Дар асоси он аз таҷрибаи хориҷӣ ҷанбаҳои қобили қабул муайян гардидаанд;

Иқтидори заминҳои кишоварзӣ вилояти Суғд арзёбӣ карда шудааст, ки дар асоси он мавқеъи он дар байни дигар минтақаҳои мамлакат, аз он ҷумла мавқеъи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд исбот карда шудааст;

Ҷанбаҳои заъфпазири рушди бахши аграрӣ дар вилояти Суғд муайян карда шуда, майдони кишт дар минтақа; вориди нопурраи иқтидори заминҳои кишоварзӣ ба гирдгардиши истеҳсолот, ки минбаъд бояд ба раванди истеҳсолот ҷалб карда шавад асосонок гардидаанд;

Модели иқтисодӣ-математикии пайвастагии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ аз сатҳи ҷалби захираҳо коркард карда шудааст. Сатҳи баланди пайвастагии маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодабарии нуриҳои органикӣ, сатҳи механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ арзёбӣ карда шудааст;

Дараҷаи таъминнокии талаботи аҳолӣ дар минтақа бо истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзии ватанӣ муайян карда шуда, тавсияҳои илмӣ амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби усулҳои мақбули таҳқиқот, боэътимодии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзуъ, ки муқарраротӣ илмии пешниҳодкардаи муаллифро дар диссертатсия исбот мекунанд, тасдиқ мешавад. Самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои асоснок оварда шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавиро инъикос мекунанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар рушди назариявии асосноксозии методикаи арзёбӣ ва муайянкунии илмии номгӯи чораҳои амалӣ, ки ба баланд бардоштани натиҷабахшии истифодаи захираи заминҳои минтақа дар низоми бахши аграрии воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ мусоидат мекунанд, зоҳир мегардад.

Муқарраротӣ алоҳидаи назариявӣ ва методии корро метавон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тайёркунии мутахассисони ихтисосҳои иқтисодӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси кадрҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби муаллиф 7 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 7,0 ҷ.ч., аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Муқаррароти алоҳидаи илмии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, донишгоҳӣ ва байнидонишгоҳӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф ироа гардидаанд.

**7. Баҳо додан ба таркиб ва танзими диссертатсия, тасдиқ намудани таълифоти муаллиф.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо иборат мебошад. Диссертатсия аз 169 саҳифаи матни чопӣ иншо шуда, фарогири 30 ҷадвал, 2 расм ва 2 диаграмма мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 137 номгӯй иборат аст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъи таҳқиқот асоснок ва омӯзиши он тавсиф карда шудааст, ҳадафу вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян шудааст, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои он мухтасар иншо шудааст, қайд менамояд муаллиф (саҳ. 5 - 15).

**Дар боби якум, «Асосҳои назариявӣ – методии таҳқиқи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар минтақа»** мундариҷаи идоракунии минтақавӣ, истифодаи захираҳои замин дар минтақа, равияҳои арзёбӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ баррасӣ гардидаанд (саҳ. 16 - 60).

Муаллиф қайд менамояд, ки барои ҳамаи категорияи низоми идоракунии давлатии захираҳои замин ба сифати объекти идоракунӣ, соҳибмулкони захираҳои замин баромад мекунанд. Ба қатори онҳо ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчунин заминҳои таъиноти кишоварӣ мансуб буда метавонанд (саҳ. 21).

Муаллиф оид ба таҳовуллоти назариявию методологии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ақидаҳои олимони хориҷӣ – Терновых К.С., Лещиловский П.В., Аничин В.Л., Завьялова З.М., Назаренко Н.Т. ва дигаронро таҳлил намуда, ақидаи худро дар бораи он, ки замин дар соҳаи кишоварзӣ, дар як вақт ҳамчун предмет ва ҳамчун воситаи меҳнат баромад мекунад, яке аз хусусиятҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи замин мебошад. Аз ин мавқеъ, он ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот баромад менамояд, рӯйи кор овардааст, ҷадвали1 (саҳ. 27 - 28).

Ба андешаи муаллиф, заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун захираи асосӣ ва ивазнашаванда, ташаккули низоми босамари идоракуниро талаб менамоянд ва ба мақсади ба даст овардани амнияти озуқаворӣ бояд чунин суръати устувори рушди иқтисоди таъмин гардад, ки заминҳои кишоварзӣ барои наслҳои оянда ҳифз карда шаванд (саҳ. 31).

Бо назардошти он ки Тоҷикистон захираи на он қадар бузурги замин, аз ҷумла замини кишоварзӣ дорад, қайд менамояд муаллиф, масъалаи истифодаи он дар сатҳи и самаранокии баланд ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар расми 1.2. (саҳ. 32) қайд менамояд, ки дар низоми идоракунии захираҳои замини таъиноти кишоварзӣ то ҳол норасоиҳое, ҷой доранд, ки боиси истифодаи камсамари замин мегардад.

Ба ақидаи муаллиф дар амалияи ҷаҳонӣ таҷрибаи калони идоракунии захираҳои замин ҷамъ карда шудааст, ки онро ҳангоми ташаккули механизмҳои иқтисодии танзими захираҳои замин дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифтан мумкин аст. Аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ (ИМА) муқаррар намудани нархҳои маҳдудро татбиқ кардан мумкин аст, яъне вақте ки нархи бозории маҳсулоти кишоварзӣ аз арзиши аслии он пасттар аст, он бояд аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳое, ки дар он гарон аст, харидорӣ карда шавад ва хароҷоти деҳқононро пушонад. Ба андешаи муаллиф, аз таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, барои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд, муваққатан ҳам бошад, аз таҷрибаи Туркманистону Узбекистон истифода бурдан бамаврид аст. Дар Туркманистон барои тамоми воҳидҳои сохтории кишоварзӣ техникаи муосир харидорӣ шуда, бо нуриҳои минералӣ ва тухмӣ таъмин карда мешавад, то онҳо дар раванди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ эҳтиёҷ набинанд. Дар Узбекистон ҳам ҳамин тавр кор карда мешавад ва бар ивази ин барои деҳқонон нақшаи давлатии ҷамъоварии пахта, ғалла муқаррар карда шудааст. Чунин муносибат, ба фикри муаллиф, ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ёрии зарурии давлатиро таъмин намуда, масъулияти истеҳсолотчиёни хоҷагии кишлоқро барои натиҷаҳои кори худ баланд мебардорад (саҳ. 58).

**Дар боби дуюм, «Ҳолати истифодабарии заминҳои кишоварзии вилояти Суғд»** истифодаи заминҳои кишоварзӣ, баҳодиҳии иқтисодии омилҳои самаранокии идоракунии захираҳои замини кишоварзӣ дар вилоят баррасӣ шудааст (саҳ. 61 - 106).

Омили асосии истеҳсолот дар бахши аграрии иқтисодиёти ҳам мамлакат ва ҳам минтақаҳо захираҳои замин, маҳз майдони заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, муаллиф гузаронидани таҳлили муқоисавии заминҳои кишоварзро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷадвали 2.1. (саҳ. 64 - 65) ва заминҳои кишоварзии вилояти Суғдро зарур мешуморад, ҷадвали 2.2. (саҳ. 67).

Муаллиф зимни омӯзиши самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Суғд таъкид мекунад, ки ҳосилнокӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии арзёбии истифодабарии захираҳои замин ба ҳисоб меравад. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки арзёбии тағйирёбии ҳосилнокӣ дар вилояти Суғд имкон медиҳад, ки дар бораи тамоюлҳои гуногуни сатҳи ҳосилнокии захираҳои замин хулосаи судманд пешниҳод шавад. Ин нишондиҳанда, пеш аз ҳама, аз хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ ва, сипас, аз муносибати илман асоснок дар ташкил ва идоракунии омилҳои истеҳсолӣ вобаста мебошад (саҳ. 74).

Дар натиҷаи таҳлил, муаллиф оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулот дар бахши аграрии иқтисодиёт тақсими оптималии захираҳои замин ва истифодаи оқилонаи онҳоро, ки аҳамияти калон доранд пешниҳод менамояд. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки дар байни категорияҳои замин дар ин самт мавқеи асосиро замини корам ишғол менамояд, зеро чунин категорияи заминро асосан замини обёришаванда ташкил мекунад, ки барои истеҳсоли намудҳои гуногуни зироатҳои кишоварзӣ истифода бурда мешавад ва аз ин лиҳоз тақсими фонди замини вилояти Суғдро дар ҷадвали 2.7. пешниҳод намудааст (саҳ. 79 – 80).

Аз нуқтаи назари муаллиф, вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити беҳтарини табиию иқлимӣ ва захираҳои заминҳои нисбатан ҳосилхез дорад, ки ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳанд. Ҳамчунин вилоят мутахассисони баландихтисос дорад, ки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти аграрӣ ҳам аз рӯи сифат ва ҳам аз рӯи арзиш мусоидат менамоянд (саҳ. 91).

Ҳамзамон муаллиф, қайд менамояд, ки рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳо аз бисёр ҷиҳат ба афзоиши миқдор ва сифати захираҳои ҷалбшаванда вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯхтани раванди ҷалби воситаҳоро ба гардиши истеҳсолии кишоварзӣ аз ҷиҳати миқдорӣ ва ҳам сифатӣ ба таври умумӣ омӯхтан, муаллиф мувофиқи мақсад мешуморад (саҳ. 99).

**Дар боби сеюм, «Самтҳои афзалиятноки такмили истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар минтақа»** такмили механизмҳо ва институтҳои ташкилию иқтисодии идораи захираҳои замини кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд (саҳ. 107-145).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар баробари хоҷагии деҳқонӣ истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар қаламравҳои наздиҳавлигии аҳолӣ самаранокии басо баландро дорад, ки қисми зиёди маҳсулотҳои хоҷагиҳои кишоварзиро истеҳсол карда истодааст. Дар навбати худ хоҷагиҳои деҳқонӣ бо нишондодҳои муқоисавӣ, яъне бо ҳисоби фоиз ба сатҳи аҳолӣ мутобиқат менамояд, ки дар сатҳи ночизе яъне камтар зиёд асту халос инро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки маҳсулнокии меҳнат дар хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Суғд ҳоло кифоя нест. Аз ин лиҳоз минбаъд ба масъалаи самаранок истифода бурдани захираҳои замин бояд диққати махсус дода шавад (саҳ. 110).

Тавре муаллиф қайд менамояд, (саҳ. 121) дар ташаккули ҷараёни банақшагирии истифодабарии захираҳои замин қадами аввал ин баҳисобгирии хусусиятҳои захираҳои замин мебошад, ки марҳилаи басо муҳим аст. Мутаассифона, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ яке аз норасогиҳои назаррас ин бо тарзи зарурӣ аз байн рафтани масъалаи

баҳисобгирии захираҳо ва қаламрави истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ва ғайра мебошад.

Пас аз таҳлил намудани ҳаҷми истеҳсол ва таъминнокии аҳолии вилояти Суғд бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худӣ тибқи меъёрҳои истеъмолӣ ҷадвали 3.4. (саҳ. 124 – 125) муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ дар қаринаи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ тибқи меъёрҳои муқарраргардида бояд корҳои зиёде ба анҷом расонида шавад. Норасоиҳо дар қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзии истеҳсолоти худӣ бояд тадриҷан асосан аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои интенсивӣ, ба гардиши истеҳсолӣ ҷалб намудани захираҳои истифоданашуда рафъ карда шаванд.

Чӣ тавре, ки муаллиф қайд менамояд, дар раванди идоракунии захираҳои замин дар бахши аграрии иқтисодиёт, раванди ошкор сохтани майдонҳои ҳосилхезиашон паст ва заминҳои истифоданашаванда раванди хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Муаллиф таклиф менамояд, ки агар, чунин ҳолат бо айби субъекти истифодбарандаи замин ба амал омада бошад, он гоҳ бояд чораҳои маъмурӣ андешида, маҷбуран қитъаи замини гирифташуда, ба захираҳои давлатӣ дохил карда шавад. Агар, чунин ҳолат ба сабаби фалокатҳои техногенӣ, шароитҳои табиӣ ба амал ояд, он гоҳ давлат бояд аз ҳисоби воситаҳои буҷавӣ ба субъектҳо барои беҳтар намудани ҳолати замин кӯмак расонад. Ин ақидаи муаллиф сазовори дастгирӣ аст (саҳ. 131).

Ба андешаи муаллиф, ҳаҷми ками сармоягузорӣ наметавонад дар таъминнокии кишоварзии вилоят ба маблағгузориҳои асосӣ тағиротро ба вуҷуд оварад ва дар маҷрои умумии амалиёти хоҷагидори нопадид мегардад. Аз ҷониби дигар сармояи ба соҳаи кишоварзӣ гузошта ғайрисамаранок истифода мешавад, яъне ба самте равона мегардад, ки дар он ҷо аз истеҳсолоти кишоварзӣ боздеҳ гирифтан ғайриимкон аст (саҳ. 139).

Дар самти такмили низоми минтақавии идоракунии захираҳои замин, ба ақидаи муаллиф, бояд ба ном ниҳоди қарздиҳӣ ба замин дар асоси қарзи ипотекӣ инкишоф дода шавад. Зеро, имрӯз дар комплексҳои агросаноатии минтақаҳо масъалаи ҷалби қарзҳои арзони миёна ва дарозмуддат хеле ҷиддӣ мебошад. Ҳангоми амалисозии чунин шакли қарздиҳии молистеҳсолгарони соҳаи кишоварзӣ имкони ба мӯҳлати дароз гирифтани қарзро ба даст меоранд. (саҳ. 141).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои асосӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ ва тавсияҳои судманд барои рушди ояндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад, ки асоснок мебошанд (С. 146 - 152).

Дар охир рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия оварда шудаанд (саҳ. 153 - 170).

**8. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия.** Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи мазкур чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар зербоби 1.1 - диссертатсия, ки «Муқарроротҳои назариявии таҳқиқи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар шароити муосир» номгузорӣ гардидааст, муаммоҳои танзими истифодабарии заминҳои кишоварзӣ таввасути фишангҳои молиявию маъмурӣ хело ҷолиб баррасӣ гардидааст, вале агар самтҳои таъсирасонии онҳо ба натиҷаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ боз ҳам васеътар таҳқиқ мегардид мувофиқи мақсад мебуд.

2. Муаллиф дар диссертатсия ба асарҳои олимони ватанӣ бештар аҳамият додааст, вале он нисбат ба олимони хориҷӣ нокифоя аст, зеро хусусан олимони ватанӣ нисбати дигарон муаммоҳои соҳаи кишоварзӣ, истифодабарии заминҳои кишоварзиро дарк мекунанд ва беҳтар медонанд.

3. Дар саҳифаи 67 диссертатсия заминҳои кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли охир мавриди таҳлил қарор дода шудаанд, вале он нопурра мебошад, зеро сабаби тамоюлотҳо пурра инъикос нагардидааст.

4. Дар диссертатсия муқарроротҳои қонунгузориҳо аз ҷумла Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷкистон, «Консепсияи сиёсати аграрии Тоҷикистон», вобаста ба идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ баррасӣ гардидааст, вале оид ба равияҳои такмилдиҳи тавсияҳои мушаххас пешниҳод шавад боз ҳам мундариҷаи кор беҳтар мегардид.

5. Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар саҳифаҳои 98 – 105 - ум амсилаи бисёромилаи тағйироти маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шудааст, вале интихоби омилҳои таъсиррасон пурра асоснок карда нашудааст.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Акпарзода Абдувалиро коҳиш намедиҳад. Дар умум, диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

9. **Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия.** Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд.

10. **Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида.**

Диссертатсия дар мавзӯи «Такмили истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ баитмомрасида буда, ба талаботи муқаррангардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ, тибқи бандҳои 31, 33 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамзамон диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Акбарзода Абдували сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 8 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 8 нафар, «зид» – нест, «бетраф» – нест (протоколи № 4 аз 09 ноябри соли 2023 тасдиқ гардидааст).

Раиси маҷлис, н.и.и., мудири кафедраи
таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур — Набиев И.И.

Котиб, н.и.и., омӯзгори калони кафедраи
таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур — Сангинова У.С.

Лоиҳаи тақризро тайёр кард:
д.и.и., профессори кафедраи
таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур — Самандарзода И.Х.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992939771217.

Имзои н.и.и., Набиев И.И., Сангинова У.С. ва д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. - ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо — Абдуҳалимзода Н.А.